КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ФАРМОИШ**

аз 06 декабри соли 2017 № 72 ш. Душанбе

Дар бораи таъсиси шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D060400 – Физика ва 6D071700 – Энергетикаи ҳароратӣ дар назди Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умарови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника", Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ",

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар назди Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умарови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D060400 – Физика ва 6D071700 – Энергетикаи ҳароратӣ дар ҳайати пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.
2. Рамзи шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА – 031 муқаррар карда шавад.
3. Мутобиқи банди 163 боби 10 «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» қабул ва ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм дар шӯрои мазкур аз рӯйи ихтисосҳои 01.04.11. – Физикаи ҳодисаҳои магнитӣ, 01.04.15 – Физика ва технологияи наносохтор, физикаи атом ва молекула, 01.04.16 – Физикаи ҳастаи атом, зарраҳои бунёдӣ ва 05.14.08 – Дастгоҳҳои энергетикӣ дар асоси намудҳои барқароршавандаи энергия иҷозат дода шавад.
4. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз дар сомонаи КОА ҷойгир карда шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ - риёзӣ ва техникӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2017, № 6/1.

Муовини раис Ф. Комилён.

Мувофиқа карда шуд:

Котиби илмии КОА Халилов Ш.Б.

Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ Гулаҳмадов Ҳ. Ш.